**Аннотатсия**
**ба рисолаи илмии Оқилов Акмалҷон Аҳмадович доир ба мавзӯи «Самаранокии истифодабарии омилҳои истеҳсолот дар соҳаҳои иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)»**

Рисолаи илмии Оқилов Акмалҷон Аҳмадович ба яке аз масъалаҳои муҳими тараққиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф таркиби табиати омилҳои истеҳсолот, характери низомии якҷоя амал намудани омилҳои истеҳсолот, консепсияҳои истифодабарии омилҳои истеҳсолот, таҳлили истифодабарии омилҳои истеҳсолот (меҳнат, замин, сармоя ва қобилияти соҳибкорӣ) дар шароити инкишофи соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд, таъсири унсурҳои институтсионалӣ ба такомули омили шахсии истеҳсолот, намуди мувофиқи таҷдиди соҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ, ки ба истифодаи самаранокии омилҳои истеҳсолот мусоидат менамоянд, алоқамандии рушди самаранокии истеҳсолот аз истифодабарии оқилонаи омилҳои истеҳсолотро мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор додааст.

Аз тарафи муаллиф исбот карда шудааст, ки асоси консептуалии истифодабарии самаранокии омилҳои истеҳсолот дар истифодаи якҷоя ва хусусияти пурракунандаи онҳо ифода меёбад. Самаранокии истифодабарии омилҳои истеҳсолот чунин тарзи фаъолияти хоҷагидориро ифода мекунад, ки ҳангоми он боздеҳ аз омилҳои истеҳсолоти истифодашаванда ба таъмини фоидаи ҳадди аксар ҳаракат мекунад. Бино бар ин ҳангоми муайян намудани самаранокии истифодабарии омилҳои истеҳсолот бояд аз як қатор нишондодҳо истифода бурд, ки самаранокии ҳар як омилро дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ дар чахорчӯбаи функсияи истеҳсолии истифодашаванда инъикос намояд. Яке аз хусусиятҳои хоси рисолаи илмӣ дар он мебошад, ки мувофиқи он муаллиф модели алоқамандии афзоиши самаранокии истеҳсолот аз истифодаи оқилонаи омилҳои истеҳсолот дар иқтисодиёти минтақавӣ пешкаш карда шудааст, ки маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба дастрасии мақсадҳои фосилавӣ (афзоиши ҳосилнокии меҳнат, паст намудани материалғунҷоиши истеҳсолот, баланд намудани боздеҳи фондҳо ва бартарафсозии таҷҳизоти истеҳсолӣ) ва ниҳоии (баланд намудани рақобатпазирии маҳсулот, афзоиши ҳаҷми фурӯш ва баланд намудани даромаднокии корхона) истифодабарии омилҳои истеҳсолот ба воситаи самараи синергетикӣ баён шудаанд.

Ин ҳолатҳо имконият медиҳад, қайд намоем, ки рисолаи мазкур дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, бо худ кори илмии ба итмомрасидаро дар мавзӯи муҳими замонавӣ ифода мекунад.